# 10338 - Истиқомат кардан дар кишваре, ки наметавон дини худро зоҳир кард

**савол**

Бар мусулмони парҳезгоре, ки дар кишварҳои ғайриисломӣ зиндагӣ мекунад, ки дар он ҷо мардумро ба тарошидани риш, тарки намоз ва ошкоро анҷом додани гуноҳ маҷбур мекунанд, чӣ чиз воҷиб аст? Агар оила ва моли худро тарк кунад, оё ин ҳиҷрат ҳисобида мешавад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бар мусулмон воҷиб аст, ки аз истиқомат намудан дар кишваре, ки ӯро ба корҳое, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, даъват мекунад ва ё ӯро ба анҷом додани корҳои ҳаром маҷбур менамояд, аз қабили тарки намоз, тарошидани риш ва ё анҷом додани амалҳои фоҳиша, мисли зинокориву шаробнӯшӣ бипарҳезад. Ӯ бояд ин кишварро тарк намояд, зеро он сарзамини бад аст ва ҳаргиз истиқомат кардан дар он ҷо ҷоиз нест, балки воҷиб аст, ки аз он ҷо ҳиҷрат кунад, гарчанде ки ин чиз мухолифи тавсияи волидайн ва нофармонии онҳо бошад, зеро итоати Аллоҳ (аз итоати волидайн) муқаддамтару бартар аст. Итоати онҳо танҳо дар корҳои хуб зарур аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Итоати махлуқ дар нофармонии офаридгор (Аллоҳ) ҷоиз нест».**

Инчунин паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Итоат танҳо дар корҳои хуб раво аст».**

Ҳар кишваре, ки дини худро дар он ҷо зоҳир карда наметавонад ва ё ба анҷом додани гуноҳон маҷбур карда мешавад, воҷиб аст, ки аз он ҷо ҳиҷрат кунад.